# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, (Душанбе, 2026. – 84 саҳ)**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Муҳиммияти таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ бо истифодаи воситаҳои нақлиёт аҳаммияти хосса дошта, бо соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳаёти ҷомеа пайваст мебошад. Оқибат садамаҳои нақлиётӣ бо ҳалокшавӣ ва захмӣ шудани одамон, талаф шудани арзишҳои моддӣ марбутанд, ки ба иқтисоди кишвар зарари ҷиддӣ мерасонанд.

Имрӯзҳо мавҷудият ва нақши воситаҳои нақлиёт омили асосии пешрафти давлат мебошад. Вобаста ба ин, низоми таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ бо истифодаи воситаҳои нақлиёт мушкилоти ҷиддитареро ба вуҷуд меорад, ки бо вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт алоқамананд. Ин қоидавайронкуниҳо боиси як қатор мушкилиҳои соҳаҳои ҳуқуқ (ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иқтисодӣ, ҳуқуқи маданӣ ва ғ.) мегарданд, ки зарурати таҳияи тадбирҳои давлатиро бо мақсади кам кардани таъсири оқибатҳои истеҳсоли воситаҳои нақлиёт ба вуҷуд меорад. «Истеҳсол ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар ин ё он кишвар, ки ба ҳалли мушкилоти ҳамлу нақли мусофирон ва бор нигаронида шудааст, боиси пайдо шудани мушкилотҳои таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо гардида истодааст».

Зеро ба ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрвандон (ҳаёт ва саломатӣ) зарба мезананд.

Мақсади асосии таъмини амнияти ҳаракат дар роҳ, пеш аз ҳама, ба огоҳсозӣ, пешгирӣ ва рафъи падидаҳо ва вазъиятҳои хатарнок равона шудааст. Ҳамзамон, он бартараф кардани оқибатҳои чунин ҳодисаҳоро дар бар мегирад, ки метавонанд ба ҳаёт ва саломатии инсонҳо, моликияти шаҳрвандон, инчунин муассисаву ташкилотҳо таҳдид карда бошанд. Бехатарии ҳаракат дар роҳ, ки дар раванди истифода аз воситаҳои гуногуни нақлиёт таъмин мегардад, ҳифзи ҳаёт ва амволи шаҳрвандонро, инчунин ҳимояи ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ ва моликияти онҳоро дар бар гирифта, аз афзалиятҳои калидии санадҳои танзимкунандаи ҳаракат дар роҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳо маҳсуб мешавад.

Таҳлилҳои илмии довталаб дар натиҷаи баррасии тавсифи криминалистии ин ҷиноят, муайян кардани тарзи содир шудани ҳодиса, муайян кардани шахсияти гумонбаршуда ва ҷабрдида, истифодаи донишҳои махсус дар тафтиши садамаҳои нақлиётӣ ба даст оварда шудааст.

Дар пажуиши мазкур диссертант ба таҳқиқоти масъалаҳои ҷойдошта бо истифода аз қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар санадҳои танзимкунандаи ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ назар кардааст. Тамоми хулосаҳои асоснокро муаллиф дар хулосаи кор пешниҳод кардааст.

Аз андешаҳо ва хулосаҳои дигари дар автореферат пешниҳодшуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур бо усули илмӣ ва таҳлили ҳаматарафаи масъалаҳо анҷом ёфтааст.

Диссертант ба таври муфассал ва амиқ ҷанбаҳои гуногуни криминалистиро вобаста ба ҷиноятҳои баррасишаванда, яъне садамаҳои нақлиётӣ баррасӣ намуда, ба натиҷаҳои боэътимод ва асоснок даст ёбад.

Ин тадқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас, дақиқ ва илмӣ метавонад ҳамчун манбаи боэътимоду судманд барои такмил додани амалияи тафтишии имрӯза гардад. Ҳамчунин, натиҷаҳои ин таҳқиқот метавонанд дар амалияи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дар омӯзиш ва тафтиши ҳама гуна садамаҳои нақлиётӣ саҳми назаррас гузоранд.

Дар баробари тарафҳои мусбати таҳқиқот дар он баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Масалан муаллиф дар автореферат мафҳуми садмаи нақлиётиро овардааст, тавсифи криминалистиро дар ин масъала пешниҳод кардааст. Аммо дар масъалаи дар пешбурди тафтиш қатъ кардани ин ҷиноятҳо тамоман сухан нарондааст. Ҳоло он, ки ин ҷиноятҳо ҳамеша дар шакли беэҳтиётӣ содир мешаванд. Ҳеҷ як ронанда оқибати фаро расидани ин кирдорро намехоҳад. Бинобар ин хуб мешуд, ки бо истифода аз принсипҳои адолат, инсондӯстӣ ва демократизм диссертант ҳар чи бештар таваҷҷуҳи худро ба масъалаи қатъ кардани ин гуна парвандаҳои ҷиноятӣ медод.

Новобаста аз эродҳои қайдшуда, бояд таъкид кард, ки муаллиф тадқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додааст. Ин кор бо тарзи эҷодкорона таҳия шуда, масъалаи муҳимми криминалистӣ, тафтишӣ ва мурофиавиро ба таври амиқу дақиқ ҳал намудааст. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои пешрафти назариявӣ ва такмили амалияи тафтишӣ дар самти мубориза бо вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт саҳми назаррас дошта бошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи: «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо

тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Роҳбари дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе, доктори
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Курбонализода Н.Ш.

**Суроғаи муқарриз.:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудаки, 42
**E.mail.:** Nurullo1988@inbox.ru
**Тел.:** 711-15-77-777

**Имзои** Курбонализода Н.Ш. -ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе Сайдуллозода Ф. Ф.

«20» 04 2026

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42
**Тел.:** +992 (37) 221-62-84;
**E.mail.:** dushanbe80@yahoo.com